# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара” (солҳои 1924-2024) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология)**

Дар шароити соҳибистиқлолӣ омӯзиши хусусиятҳои таърихиву фарҳангии ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ зарур аст. Зеро метавон ҷанбаъҳои таърихӣ, фарҳангӣ, табиӣ ва дигар масъалаҳои норавшани кишварро таҳқиқ намуда, роҳҳо ва воситаҳои инкишофи ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистонро таъмин ва таъриху тамаддуни қадимаи миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои шароити табии гуногун аст. Вобаста ба ин ҳар як минтақа ва ноҳияи он фарогири фарҳангу анъана, иду маросим ва суннатҳои хоси худ мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва таҳқиқи он дар шароити имрӯза барои доираҳои илмӣ ва махсусан илми мардумшиносӣ аҳаммияти махсус дорад.

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисолаи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар он зоҳир меёбад, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ ноҳияи Данғара ба яке аз марказҳои фарҳангию иқтисодии Тоҷикистон табдил ёфта, аҳолии он бо суръати тез зиёд гашта истодааст. Бо ризоияти ҳукумати марказӣ ба даштҳои он аз дигар минтақаҳои Тоҷикистон мардумони бо урфу одати хос кӯчидаанд, ки метавонанд дар урфу одат ва фарҳанги мардумони маҳаллӣ омезиш ворид намоянд. Бинобар ин, омӯзиши ҷанбаҳои мардумшиносӣ ва фарҳангшиносии чунин як ноҳияи калони ҷумҳурӣ барои мукаммал гаштани таъриху фарҳанги кишвар аз аҳаммият холӣ нест.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзӯъ ба талабот мувофиқ буда, муаллиф раванди расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғараро дар сад соли охир бо такя ба сарчашмаҳои бойгонӣ, оморҳои расмӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳияи мазкур баррасӣ ва мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, ба он хулосаҳои зарурӣ пешниҳод намудааст.

Мақсади таҳқиқоти рисола ки, мавриди омӯзиш қарор додани расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024) мебошад, аз тарафи муаллиф таҳлилу таҳқиқи илмии худро пайдо карда, муҳтавои онро дисертант дар автореферати диссертатсия овардааст.

Дар автореферат муаллиф нишон додааст, ки таҳқиқи рисола дар такя ба сарчашмаҳои бойгонӣ, оморҳои расмӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳия амалӣ гаштааст.

Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки аз натиҷаҳои дар рисола ба дастомада дар илми мардумшиносии ҷумҳурӣ саҳми худро гузорад.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешаванд, ки то ҳанӯз бо чунин ҳаҷму номгузорӣ ва истифодаи сарчашмаву адабиёт оид ба омӯзиши "Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара" таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом расонида нашудааст.

Аҳаммияти дигари мавзуи таҳқиқшаванда дар он аст, ки муаллиф робита ва пайванди иҷтимоию фарҳангии мардуми ноҳияи Данғараро бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи мардумшиносӣ муфассал таҳлил ва муқоиса намуда, ҳамгироии онҳоро дар сад соли охир баррасӣ намудааст. Дар ин раванд назари нав ба таърихи садсоли охир, бурду бохти ин марҳилаи таърихӣ аз нигоҳи мардумшиносӣ, инъикоси дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Данғара таҳлил гашта, ба доираи илмӣ ворид карда шудааст.

Чи хеле дар автореферати диссертатсия омадааст: мавзуи мавриди таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии яке аз ноҳияҳои калонтарини вилояти Хатлон - ноҳияи Данғара равона шудааст, маҳз дар ҳамин замина ба миён омадааст.

Аз автореферати диссертатсияи мазкур ҳамчунин маълум мегардад, ки дар рисола таҳқиқи ҷуғрофиёи ноҳия гузаронида шуда, рушди он дар замони шуравӣ ва таҳаввулоти ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии он дар давраи соҳибистиқлолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқро дар автореферати рисола хуб, фаҳмо ва бо нуктаҳои ҷолиб иброз намудааст.

Ҳамин тавр, аз автореферат маълум мегардад, ки дар рисолаи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара” (солҳои 1924-2024) ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар доираи сад соли охир пажӯҳиши илмӣ ёфта, дар он расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии яке аз ноҳияҳои калони вилояти Хатлон - ноҳияи Данғара мавриди омӯзиш қарор ёфтааст. Муаллиф дар автореферати рисола кушиш намудааст, нақши онҳоро дар баланд бардоштани ҳаёти моддию маънавии сокинони ноҳияи мазкур баррасӣ намояд.

Омӯзиши автореферати мазкур нишон медиҳад, ки объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқат менамояд.

Автореферат дар асоси талаботи навишти автореферати диссертатсияи номзадӣ омода гардидааст. Мазмун, мундариҷа, сохтор ва дигар қисматҳои автореферат ба талабот ҷавобгӯ буда, мазмуни пурраи диссертатсияро нишон медиҳад. Аммо бо вуҷуди ин дар автореферат баъзе камбудиҳо аз ҷумла: хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара” (солҳои 1924-2024) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Номзади илмҳои таърих** **Насриддинов Х. Н.**

**Суроға: 734067, шаҳри Душанбе,**
**кӯчаи Нахимов 64/14, Тел: 231-02-01**

**Имзои номзади илмҳои таърих**
**Насриддинов Хуршед Назаровичро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси** **М. Мирҷамолов**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС / УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

24.11.2025